# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи **Набиева Меҳрангез Назаровна** дар мавзӯи **“Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ аз шумори донишмандони маъруфе маҳсуб меёбад, ки асарҳояш ибтидо аз нимаи дуюми солҳои чилуми асри XX, дар муддати зиёда аз ним аср, дар Тоҷикистон ва берун аз он ба табъ расидаанд ва дар ҳаллу фасли масоили мубрами адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ саҳми вофир гузоштаанд. Асарҳои сершумори ин адабпажуҳ ва донишманди барҷаста аз арзишҳои баланд ва дастовардҳои назаррас бархурдор буда, бо равишҳои тозаи таҳқиқ ва асосҳои қавии худ чун роҳнамои мутахассисони соҳаи филология қимат доранд. Хидматҳои ӯ дар роҳи таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёти гузаштаи форсу тоҷик ва мушкилоти адабиёти муосири тоҷик беназир аст. Баррасӣ ва таҳқиқи аҳвол ва осори илмии ин олими фарҳехта, назарияҳои илмиву адабӣ, моҳият, усул, сабки таҳқиқ ва саҳми ӯ дар омӯзиши масоили таърихи адабиёт хеле муҳим буда, барои инкишофи илми адабиётшиносии муосир судманд мебошанд.

Диссертатсияи Набиева М.Н. ба таҳқиқи як самти фарогир ва пурбори осори гуногунпаҳлуи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, ки ба пажӯҳиши таърихи адабиёти тоҷик иртибот дорад, ихтисос ёфтааст. Диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳашт фасл ва зерфаслҳо, хулоса ва зикри манобеъи таҳқиқ иборат буда, дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои диссертант, сарчашмаву объекти таҳқиқ, методологияи он, арзиши назариву амалии таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда ва ғайра асоснок карда шудаанд.

Аз баррасии автореферати диссертатсияи мавсуф пайдост, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ ҷараёни зиндагии академик М.Ш. Бухороиро дар иртибот ба фаъолияти илмӣ ва иҷтимоии адабиётшинос муайян сохта, саҳми босазои ӯро чун муҳаққиқи воломақоми таърихи адабиёти тоҷик нишон додааст. Ба хизматҳои ин адабпажуҳ дар таҳқиқи проблемаи анъана ва навоварӣ дар осори адибони классики тоҷик равшанӣ андохта, муносибати муҳаққиқро ба адабиёти давраи навини тоҷик ва хусусиятҳои шакливу мундариҷавии он баррасӣ намудааст. Ҳамчунин бо баҳрабардорӣ аз принсипи аз кулл ба ҷузъ ҳиссаи муносиби Муҳаммадҷони Шакуриро дар омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёту осори устод Садриддин Айнӣ муайян сохтааст. Ҳамаи ин матолиби илмӣ дар бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия амиқ баррасиву таҳлил ёфта, басо равшан ва мушаххас натиҷабардорӣ гардидаанд. Аз баррасиву таҳлили осори мондагори илмии ин донишманди пуркор диссертант хулосабардорӣ намуда, таъкид менамояд, ки фаъолияти пурсамари муҳаққиқ М.Ш. Бухороӣ, дақиқназарӣ ва пухтакории ӯ дар пажӯҳиши ҳодисаҳои тасвиргардида дар асарҳои адабӣ, кӯшишу талош ва муборизаҳояш барои пешрафти адабиёт ва афкори бадеии халқ, барои тозагии забони адабии тоҷик, пос доштани анъанаҳои неки гузаштагон доир ба эҷоди асари бадеӣ, назари тоза ба воситаҳои тасвир дар асари адабӣ ва ба миён овардани мулоҳиза ва ақидаҳои ҷамъбастӣ нафақат дар ҷумҳурии мо, балки берун аз он низ маълум аст. Омӯхтани паҳлуҳои адабиёти давраи нави тоҷик, ба вуҷуд омадани равияи нави адабиётшиносӣ дар сатҳи талаботи имрӯза аз бисёр ҷиҳат бо ном ва шахсияти устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ вобастагӣ дорад. Дар адабиётшиносии муосир ҳама муҳаққиқони таҳқиқи адабиёт роҳу

тариқаи пажуҳиши устод М.Ш. Бухороиро пайравӣ мекунанд, аз тарзи таҳқиқ ва услуби баёни ӯ бомуваффақият истифода мебаранд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи "Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик" мухтавои диссертатсияро комилан фаро гирифта, фишурда тамоми бобу фаслҳои диссертатсияро инъикос намудаанд. Автореферат ба истиснои баъзе норасоиҳои имлоӣ, китобӣ ва техникӣ ҷавобгӯ ба талаботи таълифи фишурдаи рисолаҳои илмӣ буда, муаллиф шоистагии дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷикро дорад.

Мудири кафедраи адабиёти классикии
тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров",
номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна**

Имзои Ӯрунова М.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Б.Ғафуров" Ашрапова З.Н.